***УДК 323***
***DOI 10.24412/3005-8023-2024-3-170-176***

***СИСТЕМАИ ИНТИХОБОТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ПАЙДОИШ, ТАШАККУЛЁБӢ ВА ДУРНАМОИ ИНКИШОФ***

***Комилова Зилола Афхозовна,*** *сармуаллими кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносии Муассисаи давлатии таълимии «ДДХ ба номи ак. Б. Ғафуров» (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

***ИЗБИРАТЕЛЬНАЯ СИСТЕМА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: ПРОИСХОЖДЕНИЕ, ФОРМИРОВАНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ***

***Комилова Зилола Афхозовна,*** *старший преподаватель кафедры политологии ГОУ «ХГУ имени ак. Б. Гафурова» (Худжанд, Таджикистан)*

***ELECTORAL SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: ORIGIN, FORMATION AND DEVELOPMENT PROSPECTS***

***Komilova Zilola Afkhozovna,*** *senior lecturer of the department of Politology, SEI "KhSU named after academician B. Gafurov" (Khujand, Tajikistan)* ***e-mail:*** *zilola.08.88@mail.ru*

*Пайдоиш, ташаккулёбӣ ва дурнамои инкишофи низоми интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Дар доираи таҳқиқот бо истифода аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили равандҳои сиёсӣ пайдоиши низоми интихоботӣ ва аҳаммияти ташаккулёбии он муайян карда шудааст. Хусусиятҳои низоми интихоботии давраи шуравӣ ва Тоҷикистони соҳибихтиёр муайян ва афзалиятҳои он дар замони муосир нишон дода шудааст. Меъёрҳои асосии ташкили интихоботи президентӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Низоми интихоботии аксарият ва мутаносиб ҳамчун воситаи асосии ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ нишон дода шудааст. Бо мақсади такмили сохтори сиёсӣ, таҳкими пояҳои демократия дар кишвар дар асоси таҳлили назарияҳои сиёсӣ, бо истифодаи усули муқоисавӣ-таърихӣ роҳҳои такмили низоми интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои рушди он пешниҳод гардидааст. Зарурат ва аҳаммияти такмили системаи интихоботӣ ҳамчун воситаи асосии қонунигардонии ҳокимият ва татбиқи иродаи аксарият нишон дода шудааст. Хулосаву пешниҳоди муаллиф барои ташкили интихоботи шаффоф, таҳкими пояҳои демократия ва ташаккули тафаккури сиёсии мардум мусоидат менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон, интихобот, иродаи аксарият, низоми интихоботии мутаносиб, президент, парламент, вакил, ташаккулёбӣ, таҳкими пояҳои демократия*

*Исследуются происхождение, становление и перспективы развития избирательной системы Республики Таджикистан. С помощью анализа нормативно-правовых актов и политических процессов рассматривается происхождение избирательной системы и отмечается важность ее формирования. Выявлены особенности избирательной системы Республики Таджикистана в советскую эпоху и преимущества в годы независимости. Исследованы основные принципы организации выборов президента и депутатов Мачлиси намояндагон. Мажоритарная и пропорциональная избирательная система рассмотрена как основной способ организации государственной власти. В целях совершенствования политического устройства, укрепления основ демократии в стране, на основе анализа политических теорий и с использованием сравнительно-исторического метода определяются пути совершенствования избирательной системы Республики Таджикистан и перспективы ее развития. Также подчеркивается необходимость совершенствования избирательной системы как основного способа легитимизации власти и реализации воли большинства.*

*Предложены способы организации прозрачных выборов с целью укрепление основ демократии и формирования политического мышления народа.*

***Ключевые слова:*** *Таджикистан, выборы, воля большинства, пропорциональная избирательная система, президент, парламент, депутат, формирование демократии*

*The article examines the origin, formation and prospects for the development of the electoral system of the Republic of Tajikistan. Through the analysis of legal acts and political processes, the origins of the electoral system are examined and the importance of its formation is noted. The features of the electoral system of the Republic of Tajikistan in the Soviet era and the advantages during the years of independence are revealed. The basic principles of organizing the elections of the president and deputies of the Machlisi Namoyandagon have been studied. The majoritarian and proportional electoral system is considered as the main way of organizing state power. In order to improve the political structure, strengthen the foundations of democracy in the country, based on the analysis of political theories and using the comparative historical method, ways to improve the electoral system of the Republic of Tajikistan and prospects for its development are determined. The need to improve the electoral system as the main way to legitimize power and implement the will of the majority is also emphasized. Methods for organizing transparent elections are proposed in order to strengthen the foundations of democracy and shape the political thinking of the people.*

***Key-words:*** *Tajikistan, elections, will of the majority, proportional electoral system, President, Parliament, deputy, democracy formation*

Интихобот воситаи муҳимтарини ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва рукни асосии демократия буда, имконияти баланди иштироки сиёсиро ба мардум пешниҳод месозад. Маҳз интихобот ба пайдоиш ва инкишофи низоми ҳизбӣ замина мегузорад, воситаи асосии қонунигардонии ҳокимият ба ҳисоб меравад, мунтазам ва давра ба давра ивазшавии онро таъмин менамояд, озодии сиёсиро дар ҷамъият ташаккул медиҳад, механизми бартарафкунии низои сиёсӣ низ мебошад. Аз ин падидаи сиёсӣ ҳам нерӯҳои демократӣ ва ҳам иртиҷоӣ метавонанд истифода намоянд. Чунин вазъият зарурати дарёфти низоми мукаммали интихоботиро талаб менамояд, ки дар ҳама ҳолат ҳуқуқҳои шаҳрвандонро ҳимоя намуда, иродаи воқеии умумиро ба назар гирад. Зеро усули ташкили интихобот метавонад режими демократиро устувор созад ё баракс маҳдуд кунад. Аз ин рӯ, дар доираи таҳқиқот мақсад гузошта шуд, ки раванди инкишофи низоми интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифта, роҳҳои асосии такмили он муайян карда шавад. Низоми интихоботӣ ҷузъи асосии интихобот буда, онро ҳамчун институти ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ташаккул медиҳад ва роҳи асосии ташкили ҳокимияти намояндагӣ мебошад. Шаффофияти раванди интихобот аз интихоби дурусти низоми интихоботӣ вобаста аст. Аз сатҳи шаффофияти раванди интихобот бошад фазои осудаи ҷомеа ва сатҳи инкишофи демократия вобаста аст. Боварии шаҳрвандон ба институти интихобот барои идоракунии босамари ҳокимон ва татбиқшавии саривақтии қонунҳо, қарорҳо, амру фармон ва барномаву стратегияҳо заминаи устувор мегузорад.

Дар ҷараёни таҳқиқ методи таърихӣ, муқоисавӣ, таҳлил ва омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конститутсияҳои ИҶШС истифода гардида, пайдоиши низоми интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳо ва роҳҳои такмили он бо мақсади таҳкими пояҳои демократия дар низоми сиёсии кишвар нишон дода шудааст. Зеро интихобот бояд ташкилкунандаи низоме бошад, ки дар он ҳокимияти сиёсӣ ба сохтори ягона, қонунӣ ва мукаммал табдил ёбад. Механизми асосии ин равандро низоми интихоботӣ таъмин менамояд, ки татбиқи амалии он аз фазои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ вобастагии калон дорад. Аз сабаби он ки интихобот, инчунин, воситаи асосии баамалбарории иродаи сиёсии шаҳрвандон ва муҳимтарин роҳи таъминкунандаи иштироки васеи шаҳрвандон дар сиёсати калон аст,

муайянсозии низоми мукаммали интихоботӣ муҳим ба шумор меояд. Беҳуда нест, ки дар 50 соли охир низоми интихоботӣ ба институти мустақили сиёсӣ табдил ёфтааст [2, с. 57].

Масъалаи пайдоиш ва ташаккулёбии низоми интихоботӣ дар таҳқиқоти Э.Фримен, М.Кондорсе, Ҷ.Хэмфрис, З.Элкинс, Ҷ.Мелтон, Т.Хэр, К.Андрэ, Т.Гинзбург, Н.Гришин, А.Вешняков, В.Лисенко, В.Питренко, С.Харченко, С.Авакян ва дигарон инъикос карда шудаанд. Аммо системаи интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои такмили он то имрӯз аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ мавриди таҳлил ва омӯзиши муфассал қарор нагирифтааст. Муҳаққиқон Л.Шарифзода, М.Камолова, Г.Зокиров, А.Муҳаммад., М.Хидирзода, А.Шамолов, Ю.Кенҷаев, К.Мухторов ва дигарон дар ҷараёни таҳқиқи институти интихобот ва ҳуқуқи интихоботӣ баъзе ҷанбаҳои низоми интихоботии Тоҷикистонро мавриди таҳлил қарор додаанд.

Омӯзиши таърихи пайдоиши низоми интихоботии Тоҷикистон нишон дод, ки бори аввал дар таҷрибаи қонунгузорӣ мафҳуми низоми интихоботӣ соли 1936 дар Конститутсияи ИҶШС истифода гардидааст. Боби XI, ки ба масъалаҳои ҳуқуқи интихоботӣ ва интихобот дар ИҶШС бахшида шуда буд, низоми интихоботӣ унвон дошт. Дар аввалин конститутсияи шуравӣ ва дигар конститутсияҳои давлатҳои шуравӣ чунин мафҳум истифода нагардидааст. Дар ин конститутсияҳо ба ҷои мафҳуми низоми интихоботӣ «ҳуқуқи интихоботӣ» истифода гардидааст. Аз омӯзиши санадҳои сиёсӣ-ҳуқуқии давлати шуравӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар ин кишвар мафҳуми низоми интихоботӣ васеъ фаҳмида шуда, раванди интихобот ва ҳуқуқи интихоботиро низ дар худ инъикос менамояд. Масалан дар Конститутсияи ИҶШС омадааст: «Низоми интихоботии шуравӣ ба меҳнаткашон имкониятҳои баробарро барои иштирок дар пешбарии номзадҳо ба вакилӣ, муҳокимаи номзадҳои пешбаришуда, истифодаи воситаҳои тарғиботию ташвиқотӣ ва монанди инҳо кафолат медиҳад» [6, с. 126]. Ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки раванди интихобот ҳамчун як ҷузъи низоми интихоботӣ фаҳмида мешавад.

Дар китоби «Конститутсияҳои Тоҷикистон: пайдоиш ва инкишоф» омадааст: «Ҳуқуқи интихоботӣ маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионие мебошанд, ки тартиби ташкил, гузаронидан ва ҷамъбасти интихоботи мақомоти намояндагони ҳокимияти давлатӣ ва Президентро танзим карда, усулҳои низоми интихоботро муқаррар менамоянд. Ин меъёр ва усулҳо хосияту моҳияти ҷумҳурии демократиро таҷассум менамоянд. Якҷоя бо таҷрибаи амалии татбиқи онҳо дар интихобот дар хусуси воқеӣ ё қалбакӣ будани падидаҳои демократӣ маълумот медиҳанд» [4, с. 510]. Дар ин ҷо низоми интихоботӣ ҳамчун ҷузъи ҳуқуқи интихоботӣ нишон дода шудааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар давраи шуравӣ мафҳуми низоми интихоботӣ нисбат ба ҳуқуқи интихоботӣ васеътар фаҳмида мешуд. Аниқтараш ҳуқуқи интихоботӣ як ҷузъи низоми интихоботӣ ҳисобида мешуд. Дар давраи соҳибихтиёрӣ бо баробари ворид шудан ба марҳилаи нави қонунгузорӣ, дар асоси назарияҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ низоми интихоботӣ нисбат ба ҳуқуқи интихоботӣ маънои маҳдудро ифода намуд. Қонунгузории миллӣ низ дар Ҷумҳурии Точикистон дар ҳамин замина рушд кард. Имрӯз дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ мафҳуми ҳуқуқи интихоботӣ ба маънои объективӣ ва субъективӣ фаҳмида мешавад. Дар шарҳи объективӣ мафҳуми ҳуқуқи интихоботӣ ҳамчун танзимкунандаи низоми интихобӣ, яъне тамоми амалиёти таъсисдиҳандаи мақомоти интихобии давлатӣ (ба маънои васеъ) ва тарзу усули муайян намудани натиҷаи овоздиҳӣ, тақсим намудани курсиҳо байни номзадҳо (ба маънои маҳдуд) фаҳмида мешавад. Яъне ҳуқуқи интихоботӣ дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ тартиби ташкил, баргузор ва ҷамъбаст кардани раванди интихоботро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ифодаи озодонаи иродаи интихобкунандагонро таъмин менамояд, муқаррар мекунад.

Таҳлили таърихӣ нишон дод, ки дар ибтидо, низоми интихоботии ИҶШС, аз ҷумла, ҶШС Тоҷикистон барои барҳам додани моликияти хусусӣ, аз байн бурдани ширкатҳои хусусӣ ва барқарор гардидани моликияти давлатӣ-сотсиалистӣ нигаронида шуда буд.

Тибқи нишондодҳои Конститутсияи соли 1918 шахсони бо мақсади ба даст овардани маблағ аз коргарони кироя истифодакунанда, яъне онҳое, ки бо маоши меҳнат рӯзгор намебаранд, аз қабили савдогарони хусусӣ, ходимони динӣ, авлоду аҷдоди шоҳ, собиқ кормандони милиса аз ҳуқуқи интихоботӣ маҳрум буданд.

Конститутсияи якуми шуравӣ интихоботи бевоситаро танҳо дар шурои деҳа ва шаҳр иҷозат медод. Интихоботи бисёрзинагӣ бошад, дар мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ – съезди Шуроҳо татбиқ мешуд. Интихобот дар он вақт бо роҳи овоздиҳии кушод, яъне ошкоро гузаронида мешуд. Дар ҳамин давра таваҷҷуҳ ба синфи коргар зоҳир гардида, афзалият ба он дода мешуд. Дар съезди умумии кишвар ба намояндагони Шурои шаҳрӣ як вакил аз 25 ҳазор интихобкунанда, аз Шурои съезди губерниягӣ як вакил аз 125 ҳазор истиқоматкунанда ворид карда мешуд.

Баробари пойдор сохтани пояҳои сотсиализм низоми интихоботӣ ба таҳаввулот дучор гардид. Хусусан, соли 1936 баъди қабули Конститутсияи нави ИҶШС ба ҷои низоми съезди шуроҳо низоми ягонаи шурои депутатҳои меҳнаткашон ташкил карда шуд, ки он бевосита аз ҷониби халқ интихоб карда мешуд. Интихоботи бисёрзинагии мақомоти олии намояндагии ҳокимияти давлатӣ ба интихоботи бевосита иваз карда шуд. Дар асоси нишондодҳои конститутсияи мазкур ҳамаи шуроҳо тавассути низоми нави интихоботӣ, ки бо роҳи умумӣ, баробар, бевосита ва пинҳонӣ гузаронида мешуд, ташкил гардиданд.

Дар шароити сотсиализми ташаккулёфта демократикунонии низоми интихоботӣ вусъат ёфт. Соли 1958 маҳдудкунии ҳуқуқи интихоботӣ барои шаҳрвандони ҷинояти вазнин содиркарда аз ҷониби суд ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ бекор карда шуд. Дар ин давра такмили қонунҳои интихоботӣ барои таъмини иштироки васеи шаҳрвандон ба раванди интихобот нигаронида шуд. Ҳисоби овозҳо аз рӯи низоми мажоритарии аксарияти одӣ сурат мегирифт. Яъне номзаде интихобшуда ҳисоб меёфт, ки дар ҳавзаи интихоботӣ аз нисф зиёди овози интихобкунандагонро соҳиб гашта бошад. Додаҳои оморӣ нишон доданд, ки иштироки шаҳрвандон ба раванди интихобот давра ба давра афзоиш меёфт. Агар соли 1937 дар интихобот 96,9% интихобкунанда иштирок карда бошад, соли 1950 ин нишондиҳанда то 99,9% афзоиш меёбад. Дар натиҷа иштироки шаҳрвандон дар раванди тарғиботу ташвиқот ва талаботи онҳо нисбат ба вакилон зиёд мешавад. Зарурати такмили низоми интихоботӣ пеш меояд. 6 июли соли 1978 Қонуни ИҶШС «Дар бораи интихоботи Шурои Олии ИҶШС» мебарояд ва 1 декабри соли 1988 аз ҷониби Шурои Олии ИҶШС қонун «Дар бораи интихоботи вакилони халқии ИҶШС» қабул карда мешавад. Ин давраро оғози ташакулёбии низоми интихоботии кишвар номидан мумкин аст.

Новобаста аз тадбирҳои мазкур низоми интихоботии ИҶШС ба рушди низоми яккаҳизбӣ мусоидат менамуд. Зеро Шурои Олии ИҶШС мақоми олии ҳокимияти давлатӣ буда, интихоботи вакилон ба Шурои Олӣ ва дигар чорабиниҳои муҳим зери роҳбарии бевоситаи Ҳизби коммунистӣ ташкил мегардид. Ҳизби коммунистӣ дар интихоботи Шурои Олии ИҶШС дар блок бо шахсони беҳизб баромад мекард. Низоми ҳисоби овозҳо бошад, имконияти гурӯҳҳои хурдро барои ба Шурои Олӣ ворид шудан маҳдуд месохт. Зеро номзади аз нисф зиёди овози интихобкунандагонро дар ҳавза соҳиб шуда, вакил интихоб мегардид.

Шурои Олии ИҶШС ва президиуми он мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ буданд. Шурои Олии ИҶШС-ро шаҳрвандони синнашон аз 18-сола боло дар интихоботи умумихалқӣ интихоб мекарданд. Шурои Олӣ дар ҷаласаи худ Президиуми Шурои Олиро интихоб ва Шурои вазиронро ташкил мекард. Шурои Олии ИҶШС фаъолияти мақомоти дигари давлатиро назорат мекард. Аз ҷумла, ҳайъати ҳукумат, яъне вазирон вазифадор буданд, ки дар муддати на дертар аз се рӯз ба савол ва муроҷиати Шурои Олӣ ҷавоб диҳанд. Мавҷудияти чунин низоми сиёсӣ барои рушди минбаъдаи низоми интихоботӣ монеа эҷод мекард.

Мавриди зикр аст, ки муқаррароти Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон аз соли 1978 ба дигаргуниҳои сиёсии солҳои 1985-1991 ҷавобгӯ набуд. Бинобар ин, конститутсияи мазкур

мавриди тағйиру иловаҳои зиёд қарор гирифт. Тағйироти назаррас – таъсиси мансаби Президенти ҶШС Тоҷикистон буд. Мутобиқ ба тағйироти конститутсия 29-уми ноябри соли 1990 Қонун «Дар бораи таъсиси вазифаи Президенти ҶШС Тоҷикистон ва тартиби интихоби ӯ» қабул карда шуд. Муқаррар гардид, ки шаҳрвандони синнашон аз 35-сола боло ҳуқуқи ба мансаби президентӣ интихоб шуданро доранд. Шурои Олӣ президенти аввалини ҷумҳуриро ба мӯҳлати 5 сол дар овоздиҳии пинҳонӣ интихоб менамояд. Овоздиҳӣ аз рӯи низоми аксарияти одӣ гузаронида мешавад. Яъне номзади аз нисф зиёди овози вакилонро гирифта ғолиб эълон карда мешавад. Тибқи нишондодҳои ҳамин қонун соли 1990 аз ҷониби вакилони Шурои Олӣ узви Ҳизби коммунистӣ Қ.Маҳкамов Президенти ҶШС Тоҷикистон интихоб карда шуд. Шурои Олӣ инчунин, ҳуқуқ дошт бо тарафдории аз се ду ҳиссаи овози вакилон президентро аз вазифа озод намояд.

Санаи 14-уми декабри соли 1990 дар баробари дигар тағйирот моддаи 87 мавриди таҳрир қарор гирифт. Муқаррар карда шуд, ки шаҳрванди ҶШС Тоҷикистон дар як вақт вакили аз ду зиёда Шурои вакилони халқ шуда наметавонад. Мақсади асосии тағйироти мазкур таъмини иштироки вакилон дар ҷаласаҳои Шуро ва фаъолияти босамари онҳо буд. Зеро ба ҳукми анъана даромада буд, ки сардорони хоҷагӣ дар баробари вакили Шурои Олӣ будан вакили чандин Шуроҳои маҳаллӣ интихоб мешуданд. Аз ҳамин сабаб, онҳо имконияти дар як вақт дар ҷаласаҳои якчанд шуроҳо иштирок карданро надоштанд.

1-уми декабри соли 1990 ба Конститутсияи кишвар, боз як қатор тағйиру иловаҳо аз ҷумла, тағйирот ба боби 13 ворид карда шуд. Мувофиқи он Президент сарвари давлат, роҳбари кабинети вазирон эълон гардида, ҳокимияти олии иҷроия ва амрдиҳандаро ба амал мебаровард. Президент аз ҷониби шаҳрвандон бевосита дар интихоботи умумихалқӣ бо роҳи овоздиҳии пинҳонӣ интихоб карда мешуд. Дар асоси тағйирот дар моддаи 117 шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи пешбарии номзадии хешро барои ишғоли мансаби президентӣ дошт. Мӯҳлати ваколати президент 5 сол муқаррар гардид. Инчунин, муайян шуд, ки як шахс наметавонад пайи ҳам бештар аз ду мӯҳлат номзадии худро пешбарӣ намояд.

10-уми сентябри соли 1991 бо мақсади ташкили интихоботи умумихалқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсия тағйироти нав ворид гардид. Аз ҷумла, мақаррар карда шуд, ки шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 10 соли охир дар қаламрави кишвар зиндагӣ мекунад, ҳуқуқи пешбарии номзадиро ба мансаби президентӣ дорад. Бо риояи ҳамин муқарраротмоҳи ноябри соли 1991 интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад, ки дар он Р.Набиев бо гирифтани 61,31%-овозҳо президент интихоб мегардад. Дере нагузашта, бо сабаби халалдор гаштани фазои сиёсӣ, ноустувории сохтори сиёсӣ ва институти президентӣ зери фишори мардум Раҳмон Набиев аз ин вазифа даст мекашад. Дар ҷаласаи XVI-уми Шурои Олӣ Эмомалӣ Раҳмонов бо гирифтани аксарияти овозҳои вакилон раиси Шурои Олӣ интихоб мегардад.

Қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар соли 1994 ба рушди минбаъдаи низоми интихоботӣ замина мегузорад. Дар боби 3 ҳуқуқи пешбарии номзад ба вакилии Маҷлиси Олӣ ба шаҳрвандони синнашон аз 25-сола боло дода мешавад. Дар боби чоруми Конститутсияи номбурда синни номзад ба мансаби президентӣ аз 35-сола то 65-сола муқаррар карда мешавад. Дар раъйпурсии соли 2016 ин муқаррарот иваз карда мешаванд. Аз ҷумла, синни номзад ба мансаби президентӣ аз 30-сола боло муқаррар гардида, ҳадди ниҳоии он бардошта мешавад. Тартиби ташкили интихоботи Маҷлиси Олӣ ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қонуни конститутсионӣ вогузор карда мешавад.

Дар ҳамин соли 1994 Қонунҳои Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва соли 1999 «Дар бораи интихоботи вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» қабул карда мешавад. Ба қонунҳои мазкур мутобиқ ба конститутсия баъди гузаронидани раъйпурсии умумихалқӣ ва пеш аз баргузории

интихоботҳо ҷиҳати рушди демократия тағйирот ворид карда мешавад.

Яке аз тағйироти назаррас дар низоми интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари низоми мажоритарӣ истифодаи низоми интихоботии мутаносиб ва ташкили ҳавзаҳои интихоботии якмандата мебошад. Яъне 41 нафар вакилони Маҷлиси намояндагон аз ҳавзаҳои якмандатӣ бо гирифтани овози аксарияти нисбӣ ва 22 нафар вакилони Маҷлиси намояндагон тавассути низоми мутаносиб аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ интихоб карда мешаванд. Ҳизбҳои сиёсие, ки 5%-и овози интихобкунандагонро соҳиб гаштаанд, ба мандати вакилӣ соҳиб мегарданд. Тарзи тақсими мандатҳои вакилиро барои ҳавзаи интихоботии ягонаи умумиҷумҳуриявӣ комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ бо роҳи ба 22 шумораи мандатҳои вакилон тақсим намудани маҷмуи овозҳои интихобкунандагон муайян менамояд. Натиҷаи чунин тақсимот миқдори овозҳоро барои як мандати вакилӣ ташкил менамояд. Баъди ба ҳисоб гирифтани овози умумии ҳизбҳои сиёсӣ мандатҳо тақсим карда мешаванд. «Мандатҳои боқимонда аз ҳисоби бақияи овозҳои ҳизбҳои сиёсӣ пур карда мешавад. Дар сурати баробар будани миқдори овозҳо афзалият ба ҳамон рӯйхати номзадҳо дода мешавад, ки ба онҳо шумораи зиёдтари овози интихобкунандагон дода шудааст». [3, с. 99]. Агар дар ин ҳолат ҳам шумораи овозҳо баробар бошад, мандатҳои вакилӣ аз ҳисоби руйхати ҳизби сиёсии пештар ба қайд гирифташуда пур карда мешавад. Рӯйхати номзадҳо ва тартиби ҷобаҷогузории онҳоро барои ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ ҳизбҳои сиёсӣ муайян мекунад. Агар ҳизби сиёсӣ соҳиби 5% овози интихобкунандагон гардад, танҳо як номзад табқи руйхат таҳти №1 ба Маҷлиси намояндагон ворид мегардад. Ба ҳамин монанд, агар ҳизби сиёсӣ 10% овоз гирад ду номзади дар рӯйхат таҳти № 1 ва 2 сабтшуда соҳиби мандати вакилӣ мегарданд. Ба назари мо чунин тарзи интихобкунӣ ба талаботи принсипи овоздиҳии бевоситаи мустақим ҷавобгӯ нест. Новобаста аз он, ки шаҳрванд бевосита ба ҳизби сиёсӣ овоз медиҳад, эҳтимолияти зиёд аст, ки номзади баргузидаи ӯ аз сабаби дар қисми поёни рӯйхат қарор гирифтанаш ба парламент ворид нашавад. Аз тарафи дигар, номзадҳои дар қисми болоии рӯйхат қароргирифта соҳиби овозҳои ҷонибдорони қисми поёнии рӯйхат мегарданд. Чунин тарзи интихоби вакилони Маҷлиси намояндагон ба ҳизбҳои сиёсӣ имконият медиҳад, ки аз вазъият истифода намуда, дар парламент мандатҳои зиёдро ишғол намоянд. Зеро дар ин ҳолат, хизбҳои сиёсӣ номзадҳои фаъолу шинохтаи хешро барои пешбарӣ дар ҳавзаҳои интихоботии якмандата водор месозанд. Дар натиҷа, тавассути ҳавзаҳои якмандата кадрҳои баландихтисос ва тавассути ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ чеҳраҳои нав ва ё умуман дар ҷомеа эътирофнашуда, дар ташаккули низоми сиёсӣ саҳмнадошта ба парлумон ворид мешаванд. Дар ҳамин асос таклиф карда мешавад, ки интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон дар ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ тавассути рӯйхати кушодаи ҳизбӣ гузаронида шавад. Чунин низом ҳам ҳуқуқи интихобкунанда ва ҳам интихобшавандаро ҳимоя менамояд.

Низоми интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд барои татбиқи амалии нишондодҳои асосии моддаи якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона» нигаронида шавад. Аз нигоҳи меъёрҳои демократия шахсони интихобшуда дар раванди фаъолияти хеш бояд манфиатҳои интихобкунандагонро ба эътибор гиранд. Зеро «ин ё он тартиботро на аз нуқтаи назари афзалиятҳои шакли он, ки дар ин хусус фикри мардум на ҳама вақт якхела аст, балки бояд аз рӯи амалишавии иродаи шаҳрвандон дар он баҳогузорӣ намуд» [1, с. 82]. Дар ҳамин асос пешниҳод мешавад, ки муқаррароти моддаи 51-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ба амри интихобкунандагон тобеъ набуда, ҳуқуқ дорад фикри худро озодона изҳор намояд, мувофиқи ақидаҳои худ овоз диҳад» таҷдиди назар карда шавад [5, с. 31]. Зеро агар номзад бо иродаи халқ интихоб гардаду дар фаъолияти минбаъдааш манфиати онҳоро ба эътибор нагирад, аз амри интихобкунанда вобаста набошад, зарурати ташкили чунин мақомоти намояндагӣ вуҷуд надорад. Дар ин ҳолат принсипи дигари демократия - бозхости намояндагони интихобшуда бекор карда мешавад. Ҳатто Конститутсияи ИҶШС аз 7 октябри соли 1977 дар моддаи 102

пешбинӣ намуда буд: «Интихобкунандагон ба вакилони худ наказҳо медиҳанд» [6, с. 71]. Шурои дахлдор наказҳои интихобкунандагонро дида мебарояд, раванди татбиқи онро ташкил менамояд ва дар назди шаҳрвандон аз рафти он ҳисобот медиҳад. Дар моддаи 107 оварда шудааст: «Вакиле, ки боварии интихобкунандагонро сазовор нагашт, бо қарори аксарияти интихобкунандагон бо тартиби муқарраркардаи қонун дар ҳама вақт бозхост карда мешавад» [7, с. 57]. Эҳтимол аст, ки дар моддаи 51 маънои ифодаи озодонаи иродаи аъзоёни Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон дар назар дошта шуда бошад. Дар ин ҳолат, моддаи 51 бояд чунин бошад: «Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ҳуқуқ дорад фикри худро озодона изҳор намояд, мувофиқи ақидаҳои худ овоз диҳад» ё «Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон новобаста аз амри интихобкунандагон ҳуқуқ дорад фикри худро озодона изҳор намояд, мувофиқи ақидаҳои худ овоз диҳад».

Таҳлилҳо нишон доданд, ки системаи интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун институти сиёсӣ-ҳуқуқии демократия зимни такмили низоми сиёсӣ ва инкишофи шуури сиёсӣ рушд ёфта, ба ташаккули системаи сиёсии ҷомеа таъсири назаррас дорад.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. *Гроций Г. О праве войны и мира. – Москва: Государственное издательство юридической литературы, 1956. – 142 с.*
2. *Камолова М.Р. Особенности совершенствования избирательной системы в таджикском обществе // Вестник Душанбинского государственного педагогического университета. – Душанбе, 2012. - №1 (44) - С.55-59.*
3. *Кенҷаев Ш.Ю., Мухторов К.Т. Ҳуқуқи интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 2011. – 135 с.*
4. *Конститутсияҳои Тоҷикистон: пайдоиш ва инкишоф (зери назари Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви вобастаи АИ ҶТ профессор Ф.Раҳимӣ, д.и.ф., профессор А.А. Шамолов). – Душанбе: Дониш, 2014. – 837 с.*
5. *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.*
6. *Конституция СССР и развитие советского законодательства. – Москва: Юридическая литература, 1981. – 376 с.*
7. *Конституции социалистических государств: сборник в 2-х томах. Т.1/ Под ред. Б.А.Страшуна, Б.Н.Топорнина, Г.Х. Шахназарова. - Москва: Юрид.лит., 1987. – 336 с.*


**REFERENCES:**


1. *Grotius G. About War and Peace. -Moscow: Gosudarstvennoe izdatelstvo juridiki literatury, 1956. -142 pp.*
2. *Kamalova M.R. Features of the Improvement of the Electoral System in Tajik Society //Bulletin of Dushanbe State Pedagogical University. - Dushanbe, 2012. - No. 1 (44) - PP. 55-59.*
3. *Kenjaev Sh.Yu., Mukhtorov K.T. Electoral Rights in the Republic of Tajikistan. - Khujand: Rahim Jalil, 2011. - 135 pp.*
4. *Constitutions of Tajikistan: origin and development (under the supervision of the President of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, associate member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, professor F. Rahimi, PhD, professor A. A. Shamolov). Dushanbe: Donish, 2014. -837 pp.*
5. *Constitution of the Republic of Tajikistan. -Dushanbe: Ganj, 2016. -135 pp.*
6. *The Constitution of the USSR and the Development of Soviet Legislation. -Moscow: Yuridicheskaya literatura. 1981. -376 pp.*
7. *Constitution of Socialist States: Collection of 2 volumes, 65 volumes. V.1/ under the editorship of B. A. Strashuna, B. N. Topornina, G. Kh. Shakhnazarova. - Moscow: Jurid.lit. 1987. -336 pp.*